*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 41 (4781) | ЧОРШАНБЕ, 3 АПРЕЛИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





# ЛИБОС ТАҶАССУМИ ФАРҲАНГУ ҲУВИЯТИ МИЛЛИСТ



**Муҷибахон ҶАВҲАРӢ,**
**вакили Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**9-уми марти соли ҷорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар мулоқот доир намуданд, ки номаи ҳидоят барои шаҳрвандони кишвар мебошад ва бунёди онро далелҳои муътамад аз Қуръону ҳадис ташкил менамояд. Қабл аз фаро расидани моҳи Рамазон вохӯрии мазкур хеле мубраму саривақтӣ буд.**

Президенти мамлакат зимни суханронӣ аз мардуми шарифи кишвар даъват ба амал оварданд, ки бахусус, дар ин моҳи муборак ба кори хайру савоб ва амалҳои нек машғул бошанд. Аз ҷумла, таъкид намуданд, ки моҳи шарифи Рамазон фурсати беҳтарин барои вусъат додани амалҳои хайру савоб дар ҳаққи ятимону маъюбон, оилаҳои камбизоату бесаробонмонда, ниёзмандону дармондагон ва наздикону пайвандон мебошад. Бояд гуфт, ки маҳз баракати истиқлолияти давлатӣ аст, ки миллати мо ба эҳёи арзишҳои миллӣ ва динии худ комёб шудаву мардумамон бо мазҳаби аҷдодӣ, бо пирони хирад ва бузургони илму адаби гузаштаи хеш ҳамаҷониба ошно гардиданд. Ҷашнҳои Наврӯзу Меҳргон, Тиргону Сада ва идҳои Рамазону Қурбон ҳамчун ҷузъи фарҳанги миллӣ эҳё карда шуд ва инак, бо шукргузорӣ аз истиқлолияти давлатӣ, бо фараҳу сурур ин санаҳои бузурги миллӣ, ки таърихи шашҳазорсола доранд, бо шукӯҳу шаҳомат таҷлил мешаванд.

Дар суханронии хеш Пешвои миллат ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро арзиши олӣ арзёбӣ карда, иброз доштанд, ки Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун арзиши олӣ муносибат намуда, барои амалӣ гардонидани онҳо усулу воситаҳои заруриро дар сохтори давлатӣ ташаккул дод.

Сарвари давлат аз зуҳуроти нороҳатсозандаю номатлуби таассубу хурофот, тафриқаандозию ифротгароии динӣ изҳори нигаронӣ карданд. Дарвоқеъ, душманони дини мубини ислом барои коштани тухми нифоқу бадбинӣ, эҷоди ҳисси исломситезӣ, тафриқаи мазҳабӣ дар байни уммати мусулмон ва расидан ба ҳадафҳои ғаразноки худ ифротгароии диниро бо ҳар роҳу восита пуштибонӣ ва маблағгузорӣ мекунанд.

Яке аз масъалаҳои дигаре, ки боиси нигаронии Пешвои миллат буд, ин ҳолатҳои шомил шудани занону ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ мебошад. Воқеан, барои модари тоҷик, ки намоди лутфу назокат ва муҳаббату садоқат аст, силоҳ гирифтану пеш бурдани ақидаҳои тезу хашин шоиста нест ва боиси таассуф аст, ки занону духтарон тамаддуни бостонии миллатро нодида гирифта, аз таърих сабақ набардошта, гумроҳона даст ба корҳои номатлуб мезананд.

Зимни суханронӣ Сарвари давлат зикр намуданд, ки дини мубини ислом гуногунзабонӣ, гуногунфикрӣ ва дорои фарҳанги мухталиф будани халқу миллатҳоро эътироф кардааст. Бегонапарастӣ дар сарулибос, одоб ва расму оини либоспӯшӣ бегонашавии фарҳангист, ки истиқлоли фикрӣ, ҳувияти миллӣ ва фарҳангии миллатро халалдор месозад. Имрӯз гурӯҳҳое пайдо шудаанд, ки мехоҳанд барои амалисозии нақшаҳои ғаразноки худ ҳамаро зери як шиор тағйир диҳанд. Воқеият баёнгари он аст, ки ҳар миллат бинобар собиқаи фарҳангии худ дар либоспӯшӣ рафтору анъанаҳои махсус дорад, ки арзишҳои моддиву маънавии гузаштаи онро инъикос менамояд ва ҳар миллат аз рӯйи забон, фарҳанг ва шаклу тарзи либоспӯшияш шинохта мешавад. Бегонапарастӣ дар сарулибос, яъне пӯшидани либоси бегона бо номҳои сохтаи сатру ҳиҷоб, дигар масъалаи мубрам барои ҷомеаи мо мебошад.

Воқеан, тайи ду даҳсолаи охир аз тарафи занону духтарони тоҷик тақлид ба либоспӯшии бегона ба анъана даромадааст, ки боиси нигаронии ҷиддӣ мебошад. Бояд зикр намоем, ки дар байни қавму миллатҳо ва пайравони динҳои гуногун сарулибос яке аз унсурҳои муҳиме мебошад, ки тавассути он мансубияти нажодию миллӣ ва эътиқодии одамон ба осонӣ муайян мегардад. Сарчашмаҳои таърихию илмӣ оид ба либосҳои аҷдодони қадимтарини тоҷикон - суғдиён ва бохтариён аз он шаҳодат медиҳанд, ки ниёгони мо каллапӯшҳою кулоҳҳо ва лавозимоти ороишию зебу зинати миллиро соҳиб буданд ва либосу кулоҳи онҳо бо намудҳои гуногун дар асарҳои муаррихони юнонӣ ва чинӣ дар намуди мусавварaи рӯйи санг ва рӯйи деворҳо аз тарафи бостоншиносон исбот шудаанд. Либос, ки ҷузъи асосии фарҳанги ин ё он миллат аст, фарҳанги баланди ниёгони моро дар аҳди қадим ҳам муаррифӣ менамояд. Чодару ҷилбоб, фаранҷию химор моли миллати тоҷик набуд, он дар ҷазираи Арабистон баъди зуҳури ислом пайдо шуд, зеро қабл аз ислом, дар замони ҷоҳилият занҳои араб либосҳои нимурён мепӯшиданд. Барои занони муъмин ба сар гирифтани чодар аз он хотир буд, ки шинохта шаванд ва аз озори ҷинсию шаҳвонӣ дар амон бошанд.

Солҳои охир сатру ҳиҷоби сиёҳ ба бар кардан дар миёни бонувони ҷавони тоҷик мӯд шудааст, ки ин тарзи либоспӯшӣ хоси занони тоҷик набуд. Гузаштагони мо пӯшидани либоси сиёҳро ба занон қабул надоштанд ва ҳатто ҳангоми азодорӣ либоси кабуд мепӯшиданд, на сиёҳ ва дар мавриди шахси азодор мегуфтанд «фалонӣ кабудпӯш аст» ё ҳангоме муддати азо тамом мешуд, маъракае доштанд бо номи «сафедпӯшон».

Имрӯз ба бар кардани либоси сиёҳ (ҳиҷоби сиёҳ) на фақат бар хилофи расму оини миллӣ, балки нодида гирифтани фармудаҳои мазҳаби мо аст. Дар фарҳанги миллию динии мо ранги сиёҳ намоди андуҳи гарон, нокомӣ ва бадномӣ мебошад.

Пас, сиёҳпӯшон, ки баъзан дар кӯчаҳои шаҳри мо пайдо мешаванд, истиқболе дар байни мардуми мо надоранд.

Химор, яъне чодари борики якарз, ҳамон рӯсариҳои тоҷикии сафед аст, ки модару модаркалонҳои мо ба сар мекарданд. Куртаҳои тарҳи миллӣ, яъне бару остинаш дарозтару фарохтар ва тарзи рӯсарибандии тоҷикона, ки гесувони занонро паноҳ намуда, иффати зани мусалмонро ба намоиш нагузоштааст ва бадани зан намудор намешавад, беҳтар аз он сатру ҳиҷоб аст, ки зебогию латофати шаҳватангези зан намоён ва шарфҳои сиёҳи пур аз сӯзанак аст, ки имрӯз ин тарзи либоспӯшӣ дар байни ҷавондухтарон мӯд шудааст ва таърихи пайдоиши онро аз тухфаҳои овардаи ҳоҷиён ба хешону наздиконашон ва таъсири тамошои филмҳои туркӣ, яъне таблиғи беохири молу маводи туркию чинӣ тавассути технологияҳои иртиботӣ, чун интернет ва моҳвора, донистан дуруст аст.

Имрӯз, ки бархе ҷавондухтарон аз бисёр рукнҳои фарҳанги миллӣ ва суннатии хеш бехабаранд ва ба либоспӯшии кӯр-кӯрона тақлид мекунанд, ба онҳо ҳушдор бояд дод, ки либоси миллии тоҷикӣ чакан, атласу адрас ва тарҳи дӯхти он нишонаи олии иффат ва назокати занону бонувон буда, шинаму зебо ва боиси ифтихори ҳар як бонуи тоҷик аст. Чакану адрас чун либоси тоҷикӣ аз ҷониби созмони бонуфузи байналмилалии ЮНЕСКО эътироф гардидааст.

Аз ин рӯ, тарроҳонро мебояд, ки аз матоъҳои фораму шинам, ки дорои рангҳои табиати диёр аст, мувофиқ ба фаслҳои сол ва мутобиқ ба талаботи миллию эътиқодот намунаи либосҳоро манзури духтарону бонувон намоянд. Дар ин мавридд, барои пеши роҳи зуҳуроти бегонашавӣ аз фарҳанги миллиро гирифтан ҳар яки моро низ зарур аст, ки муассиртар бо василаи корҳои фаҳмондадиҳӣ ва пешниҳодот чораандешӣ намоем.

Даъвати баҳорӣ - 2024

# ИҶРОИ НАҚШАИ ДАЪВАТИ НАВАСКАРОН ДАР РӮЗИ АВВАЛ

**Якуми апрели соли 2024 дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба муносибати гусели нахустин гурӯҳи ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат чорабиниҳои бошукӯҳ баргузор гардид.**

Боиси ифтихор аст, ки солҳои охир дар «Рӯзи даъватшаванда» ҷавонони зиёд ихтиёран ба комиссариати ҳарбии шаҳру ноҳияҳо омада, мехоҳанд қарзи шаҳрвандиашонро дар назди Ватан иҷро намоянд. Ин бесабаб нест, зеро дар заминаи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шароити хизмат дар қисмҳои ҳарбӣ хеле беҳ гардидааст. Аз ин рӯ, ҷавонон бо азму иродаи қавӣ хизмати ҳарбиро адо намуда, сарбаландона ба назди волидонашон бармегарданд, ки ин мояи ифтихору сарфарозии ҳар як падару модар мебошад.

Дар чорабиниҳои имсола бахшида ба «Рӯзи даъватшаванда» раисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва собиқадорони меҳнат дар мавзуи хизмат ба Ватан-Модар изҳори андеша намуда, ҷавононро ба ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ва садоқатмандӣ ба давлату миллат ҳидоят намуданд. Аз ҷониби намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ба наваскарон либоси варзишӣ, ҳуҷҷати ронандагӣ, шаҳодатномаи кафшергари барқӣ, ифтихорнома ва тухфаҳои хотиравӣ супорида шуд. Шуъбаҳои фарҳанги шаҳру ноҳияҳо бо суруду таронаҳои рангину ҷаззоб хотири ҳозиринро болида гардонида, дар охир бо дуои неки падару модарон даъватшудагон ба қисмҳои низомӣ гусел шуданд.



Чун ҳарвақта нақшаи даъвати баҳорӣ ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон имсол низ дар рӯзи аввал 100 фоиз иҷро шуд. Инчунин, ноҳияҳои Сангвор, Лахш, Тоҷикобод, Нуробод, Рашт, Муъминобод, Вахш, Хуросон ва Фархор низ нақшаи даъвати ҳарбиро дар рӯзи якуми даъват пурра иҷро намуданд.

Маъракаи даъвати баҳории ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола 1-уми апрел дар саросари шаҳру ноҳияҳои мамлакат оғоз гардида, то 31-уми май идома меёбад.

**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум»**

# ОБ ҲАР ЧӢ БЕШТАР НИРУ КУНАД

**Обхезӣ дар ҷануби Таиланд тақрибан ба 20 ҳазор нафар зарар расонид. Бар асари обхезии бузург дар Ҳиндустон 77 кас ҳалок ва беш аз 200 шахс бедарак шудаанд. Бар асари обхезию ярч ҳазорон нафарро дар Чин ба ҷойҳои амн кӯчониданд. Беш аз 71 ҳазор нафар дар Шри-Ланка аз боронҳои шадид ва обхезӣ зарар дидаанд. Чунин хабарҳо мунтазам дар расонаҳои иттилоотӣ ба нашр мерасанд, ки ташвишовару ҳузнангез аст.**

Обро ҳаёт мегӯянд, ки воқеан, дуруст аст. Инсон бе обу ҳаво зиста наметавонад, аммо баъзан оби дарёҳои бахурӯшомада ва борони пайдарпай боиси фалокату ҳаводиси нохуш мегардад.

«Якеро пурсиданд: «Дар мавҷудот аз чӣ азизтар нест»? Гуфт: «Аз об». Гуфт: «Аз чӣ ҳақиртар нест»? Гуфт: «Аз об». Яъне об, ки бисёр бувад, қимате надорад. Чун кам шуд, шарбате ҳазор динор арзад. Ва об ғизоҳоро ба аъзо расонад ва тарбият кунад ва оби хуш рӯйро неку кунад ва тандуруст кунад. Ва некутарини обҳо он аст, ки аз ноҳияти Машриқ ояд ва зуд сард гардад ва зуд гарм гардад. Ва бадтарин обҳо оби барф ва ях бувад, ки сармо латофат аз вай биситида бошад ва аҷзои ғализ монда. (Аз китоби Муҳаммад ибни Маҳмуд ибни Аҳмади Тӯсӣ «Аҷоибнома»).

Дар ҳаёт об мавқеи асосиро ишғол мекунад. Субҳидам аз хоб хеста, худро бо об пок месозем, ғизои саҳариро бо об (чой) мехӯрем, мошинамонро бо об мешӯем ва ғайраю ғайраҳо. Мебинем, ки одамон ба ин неъмати олию асосӣ муносибати ғайри қобили қабул мекунанд. Худованд ба Тоҷикистони мо аз обҳои софу ҷонбахш фаровон додааст, аммо мо ба қадри он намерасем. Обро истифода карда, ҷумаки обрасонро маҳкам намекунем, ҳангоми омода кардани чою хӯрок ва шустани косаю табақ ва дигар чизҳои рӯзгор исроф мекунем. Ба замми ин, аз дасти мо, инсонҳо, оби ҷӯю дарёҳо ифлос шудаанд. Як ба рӯдхонаҳо назар кунед, тамоми намуди партовҳоро мебинем, ки болои об шино мекунанд ва ё дар соҳилҳо ғарам шудаанд, аммо оқибати аъмоли хешро андеша намекунем. Сардафтари адабиёти классикии тоҷику форс Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ гуфтааст:

**Об ҳар чӣ бештар ниру кунад,**
**Бандғарви сустбуда барканад!**

Албатта, на ҳама одамон чунин беэътиборӣ мекунанд, чунин амал кори онҳоест, ки маърифати паст доранду беандешаанд. Барои тарбияи маърифати экологӣ аз боғчаю мактаб то донишгоҳу донишкадаҳо корҳои тарбиявию омӯзишӣ ва фаҳмондадиҳиро хубтар бояд ба роҳ монд.

Ба ин мақсад аз ҷониби Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи давлатии маҷмӯии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» дар ҳоли татбиқ аст. Барнома ба рушди низоми бефосилаи тарбия ва маърифати экологии аҳолӣ равона гардидааст. Он барои тарбияи инсонҳое, ки муҳимияти мушкилоти муҳити зистро дарк мекунанд ва дорои дониш, маҳорат ва малакаи зарурӣ буда, барои аз ҷиҳати экологӣ дуруст ҳал намудани масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии рушди мамлакат заруранд, пешбинӣ шудааст.







Аҳамияти тарбияи маърифати экологӣ ва баҳри ислоҳи вазъи ногувори муҳит зарурати андешидани тадбирҳои муассирро Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олии мамлакат таъкид карда, аз ҷумла, иброз намуданд: «Гармшавии ҳарорати сайёра ва оқибатҳои манфии он – камобӣ, хушксолии паёпай ва дигар офатҳои табиӣ, аз ҷумла сардии бесобиқаи зимистони гузашта, яъне торафт бад шудани ҳолати муҳити зисти инсоният, илова бар ин ки боиси торафт вазнин шудани таъминот бо маводи ғизоӣ ва оби босифати нӯшокӣ дар бисёр кишварҳо ва минтақаҳои ҷаҳон гардида истодааст, ба паҳншавии бемориҳои сироятӣ ва торафт устувор гардидани муқовимати воситаҳои дорувории мавҷуда бар зидди вируси чунин бемориҳо мусоидат карда истодааст. Бинобар ин, аҳли башар, аз ҷумла мо, маҷбур ҳастем, ки барои ислоҳи вазъи ногувори муҳити зист ва пешгирӣ кардани харобшавии минбаъдаи он, дар навбати аввал, бо роҳи ҷиддан кам кардани партови газҳои гулхонаӣ, ниҳолшинонию кабудизоркунӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои об, яъне ба хотири наҷоти табиат ва инсоният, тадбирҳои бетаъхир ва муассир андешем.».

Қобили ёдоварист, ки соли гузашта бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъномаҳои Созмони Милали Муттаҳид дар бораи «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» эълон кардани соли 2025, инчунин, 21-уми март ҳамчун Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо ва таъсиси Хазинаи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо қабул гардид, ки барои ҷомеаи ҷаҳонӣ муҳим ва мояи ифтихори мардуми шарафманди Тоҷикистон аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон инак боз ба як чорабинии бузурги байналмилалӣ омодагӣ мегирад. 10-13-уми июни соли 2024 дар пойтахти мамлакат дар доираи «Раванди оби Душанбе» Конфронси сеюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» баргузор мегардад. Ин тадбирҳо далели он аст, ки Тоҷикистон дар ҳалли масъалаи муҳими глобалӣ, бахусус дар самти таъмини сокинони сайёра бо оби тоза ва ҳифзи муҳити зист, пешсаф аст.

**Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»**

2024 – «Соли маърифати ҳуқуқӣ»

# ШИНОСНОМАИ ДАВЛАТ

**(Идома аз шумораи №35 (4775), 18 марти соли 2024)**

**Таркиби Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1994)** аз дебочаи мухтасар оғоз ёфта, дар он як навъ бо оҳанги тантананок аз номи халқи ҷумҳурӣ ҳолату ҳадафҳо ва арзишҳое эълон шудаанд, ки ноил гаштан ба онҳо моҳияти давлатдориро устувор ва равшан мегардонад. Дебоча таъйиноти сафарбарсозии халқро ба афзун гардонидани дастовардҳо дар сохтмони давлатӣ ва таъмини соҳибихтиёрии халқу миллат низ дорад. Ҳолатҳои дебоча ба мазмуни меъёрҳои Конститутсия таъсири бунёдӣ доранд. Боби аввали Конститутсия ҳадафи муайянсозии сохтори конститутсионӣ, моҳият, шакли сохтори давлат ва шакли идораи он, таркиби сохтори ҷамъиятӣ ва гуногунандешии сиёсӣ, рамзҳои давлатӣ, соҳибихтиёрии халқ ва давлат, ҷойи Конститутсия дар низоми қонунгузорӣ ва таносуб бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, сиёсати сулҳҷӯёнаи хориҷии Тоҷикистон, асоси иқтисодӣ, гуногуншаклии моликият ва объектҳои моликияти истисноии давлатро муайян ва танзим кардааст.

Вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, асосҳои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо, мафҳуми шаҳрвандӣ, тартиби соҳиб шудан ва қатъи шаҳрвандӣ, тартиби ҳимояи ҳуқуқ дар доштани шаҳрвандӣ, ҳуқуқу озодиҳои фардӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва кафолати онҳо, вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд дар боби дуюми Конститутсия танзим ёфтааст. Бобҳои 3-9 масъалаҳои низоми мақомоти давлатӣ, усулҳо, тартиби ташкил ва фаъолияти Маҷлиси Олӣ, Президент, Ҳукумат, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, суд ва прокуратураро равшан ва танзим кардаанд. Боби даҳум тартиби тағйироту иловаҳо дохил кардан ба Конститутсия, тағйирнопазирии баъзе ҳолат ва арзишҳои давлатро муайян кардааст. Қисми муқаррароти интиқолии Конститутсия хислати равшаниандозӣ ба баъзе масъалаҳои сатҳи конститутсионӣ дошта, дар таркиби Конститутсия мавқеи мустақил дорад.



Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лаҳзаи қабули Конститутсияи соли 1994 шакли идоракунии президентӣ дорад, зеро ки матни он тибқи лоиҳаи идораи президентӣ тартиб додашуда, қабул гардидааст, аммо бевосита дар матни он то соли 2016 қайд наёфта буд. Ба матни моддаи якуми дар раъйпурсии соли 2016 маъқулдонисташуда қисми дуюм илова карда шуд, ки мувофиқи он шакли идораи Ҷумҳурии Тоҷикистон президентӣ мебошад. Дар боби чоруми Конститутсия ва баъзе моддаҳои бобҳои дигар вазъи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим ёфтааст. Салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар идора ва ҳалли масъалаҳои роҳбарии ҷумҳурӣ хеле фарогир буда, дар низоми ҳокимиятдорӣ ва сарварии давлат нақши олӣ дорад. Дар робита бо ин омил дар матни аввалаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994, тағйиру иловаҳои ба он минбаъд се маротиба воридкардашуда вазъи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле мукаммал гардид. Хусусан, тағйиру иловаҳои ба Конститутсия 22 майи соли 2016 воридкардашуда, қонунҳои конститутсионӣ дар бораи бо унвони ифтихории ҳуқуқии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат сарфароз гардонидани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон асоси хислати махсуси конститутсионӣ пайдо кардани унвони мазкур гардид. Ба моддаи 65 сархати панҷуми зерин «Маҳдудияти дар қисми чоруми ҳамин модда пешбинигардида нисбат ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат татбиқ намегардад» илова гардид, ки дар он сухан дар бораи як шахс ба вазифаи Президент бештар аз ду муҳлат пай дар пай интихоб шуда наметавонад, меравад. Таъсисёбии унвони ифтихории мазкур эҳтироми махсус ба шахсияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буда, қадрдониро нисбат ба хизматҳои шоистаи ӯ дар пойдор гардонидани сохтори давлатии Тоҷикистон, пеш гирифтани сиёсати хирадмандонаи хориҷӣ, дар миқёси байналмилалӣ пеш гирифтани иқдоми ҳамкориҳои судманд бо ҳамаи мамлакатҳои тамоюли гуногуни иҷтимоӣ-сиёсӣ, ташаббусҳои муфиди сатҳи ҷаҳонӣ ва ғайра ифода мекунад. Яъне, унвони мазкур хислати фардӣ дорад ва барои қадрнамоии хизматҳои махсуси муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъсис дода шудааст.

Ҳеҷ як санади меъёрии ҳуқуқии сатҳи баланд комилан мукаммал ва бе нуқсон намебошад. Ин омил ба Конститутсия низ дахл дорад. Хусусан, конститутсияи давраи гузариш аз як сохтори ҷамъиятӣ ба сохтори дигар ва бунёди давлати нав, ташкили ниҳодҳои қудратӣ ва муайян кардани салоҳияти онҳо, танзими ҳуқуқу озодии инсон ва шаҳрванд ва ғайра батадриҷ ба мукаммал гардидан эҳтиёҷ дорад. Дар робита ба ин, масъалаи тағйиру иловаҳо дохил кардан, мукаммал намудани меъёр ва ҳолатҳои Конститутсия яке аз роҳҳои такмил додан ва мувофиқи талаботи дигаргунгардии муносибатҳои ҷамъиятӣ шумоੋридан омили муқаррарист. Бо назардошти чунин ҳолатҳо ҷойи тааҷҷуб нест, ки ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1994 то ҳол се маротиба тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд.

**Ислоҳоти конститутсионии соли 1999** ба моҳият ва мазмуни Конститутсия таъсири хеле амиқи мусбат гузошт. Моҳиятан тавассути дигаргунсозӣ ва навгардонӣ чандин меъёр ва ҳолатҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 хислати созишӣ ва шартномаи ҷамъиятӣ пайдо карданд. Неруҳои дар раванди ислоҳоти конститутсионӣ иштирокдошта бо роҳи гузашткунӣ ва мусолиҳа роҳҳои такмили Конститутсияро дарёб карданд ва ба рушди минбаъдаи он заминаи устувор гузоштанд. Фақат якчанд тағйироту иловаҳои соли 1999 ба Конститутсия воридшударо номбар кардан кифоя аст, ки кас ба мазмун ва моҳияти онҳо сарфаҳм равад ва аҳамияти онҳоро дарк намояд:

1) Дар моддаи 28 муқаррар карда шуд, ки «Шаҳрванд ҳақ дорад дар ташкили ҳизбҳои сиёсӣ, аз ҷумла ҳизбҳои характери демократӣ, динӣ ва атеистидошта, … иштирок намояд». Тавассути чунин илова ба ихтилофи ҷиддии байни неруҳои ҳукуматӣ ва мухолифин дар ин мавзуъ хотима гузошта шуда, ба фаъолияти расмии ҳизбу ҳаракатҳои фаъолияташон боздоштшуда ва ё манъшуда иҷозат дода шуд.

2) Тағйиротҳои ҷиддӣ дар ташкил ва фаъолияти Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шуданд, ки мувофиқи онҳо: а) Маҷлиси Олӣ - парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон карда шуд; б) Маҷлиси Олӣ аз ду палата: Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон иборат гардид; в) палатаи Маҷлиси намояндагон доимоамалкунанда ва вакилон дар он ба таври касбӣ кор мекунанд; г) Маҷлиси миллӣ аз намояндагони минтақаҳои ҷумҳурӣ иборат буда, узви он ба тарзи даъватӣ дар иҷлосияҳо иштирок менамоянд; д) тарзи интихобшавии вакилони Маҷлиси намояндагон бо ду роҳ - худпешбарӣ ва аз номи ҳизби сиёсӣ пешбарӣ шудан сурат мегирад, узви Маҷлиси миллӣ бо роҳи дар маҷлисҳои вакилони халқи вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва вакилони маҷлисҳои вакилони халқи ноҳия ва шаҳрҳои тобеи ҷумҳурӣ интихоб шудан (25 кас), аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин гардидан (8 нафар) ва ҳуқуқи ҳар як Президенти собиқи ҷумҳурӣ ба узви якумраи Маҷлиси миллӣ розӣ будан, сурат мегирад; е) мандати аъзои Парлумон озод буда, вакил мувофиқи ақидаи худ овоз медиҳад.

3) Мувофиқи усули тақсими ҳокимияти давлатӣ, асосан доираи салоҳияти Маҷлиси Олӣ ва салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

4) Вазъи ҳуқуқии конститутсионии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ҳам устувор гардонида шуд. Дар таҳрири аввалаи Конститутсия муайян карда шуда буд, ки як шахс бо вазифаи Президент бештар аз ду муҳлат пай дар пай интихоб шуда наметавонад. Дар таҳрири соли 1999 муқаррар гардид, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳлати 7 сол интихоб мегардад ва бештар аз як муҳлат пай дар пай интихоб шуда наметавонад.

5) Матни моддаи 72 аз нав таҳрир гашта, меъёр дар хусуси суди импичмент бекор карда шуд.

6) Доираи салоҳияти Президент хеле фарогир гашта, ҳалли аксари масъалаҳои ҷиддии сохтмон ва идоракунии давлатӣ ба ихтиёри ӯ гузошта шуд.

Тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 дар раъйпурсии солҳои 2003 ва 2016 воридкардашуда ба монанди соли 1999, самтҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатиро танзимкунанда ва фарогир набуданд. Бинобар ин, онҳоро фақат шартан ислоҳоти конститутсионӣ номидан мумкин аст. Дар раъйпурсии умумихалқӣ аз 22-юми июни соли 2003 ба 54 моддаи Конститутсия тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд. Ҳадафи асосии онҳо такмили минбаъдаи низоми сиёсӣ ва давлатии ҷумҳурӣ, равшан гардонидани равандҳои демократӣ, мукаммал кардани роҳҳои такмили кафолатҳои ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, муҳайё сохтани асосҳои конститутсионии инкишофи минбаъдаи низоми иқтисоди озод ва соҳибкорӣ, таъмини суботу оромӣ ва ваҳдати миллӣ ба ҳисоб мерафт. Яке аз навгонии таҷрибаи конститутсионӣ дар ин маърака аз он иборат гардид, ки дар хотимаи матни Конститутсия қисми Муқаррароти интиқолӣ иборат аз чор қисм пайдо гардид. Дар онҳо муҳлати эътибори ҳуқуқӣ пайдо кардани тағйиру иловаҳои мазкур, тартиби амали қонунҳое, ки ба тағйиру иловаҳо мухолифат надоранд, дар бораи муҳлати ваколати Президент ва ба муҳлати 10 сол дароз кардани ваколати судяҳо танзим ёфтанд.

**Раъйпурсии 22 майи соли 2016** дар бораи тағйироту иловаҳо ворид намудан ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 аз он оғоз ёфт, ки ибораи «Сарқонун» аз матни Конститутсия хориҷ карда шуд. Дар моддаи якуми Конститутсия шакли идораи президентии идораи Ҷумҳурии Тоҷикистон расмӣ гардонида шуд ва дар он воқеияти шакли идораи президентӣ доштани Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос карда шуд. Дар моддаи 8 муқаррар карда шуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ҳизбҳои сиёсии дигар давлатҳо, таъсиси ҳизбҳои хусусияти миллӣ ва динидошта, инчунин, маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ аз ҷониби давлатҳо ва созмонҳои хориҷӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандони хориҷӣ манъ аст. Ҳадафи чунин иловаҳо ҳифзи соҳибихтиёрии ҷумҳурӣ, роҳ надодан ба мудохилаи хориҷӣ ба ҳаёти сиёсии мамлакат мебошад, аммо масъалаи манъгузорӣ ба таъсиси ҳизбҳои хусусияти миллӣ ва динидошта масоили давраи муосири низоми сиёсии мамлакат мебошад. Яке аз иловаҳо ин равшанӣ андохтан ба моддаи 15-уми Конститутсия оид ба масъалаи асосҳои соҳиб шудан ба шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки тибқи он илова дар бораи мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон соҳиб шудан ба шаҳрвандии Тоҷикистон аст. Чунин нуқсон аз давраи қабули Конститутсия ҷой дошт ва акнун ислоҳ кардани он меъёри Конститутсияро ба воқеият наздик гардонид.

Таҳрири зерини моддаи 34: «Падару модар барои таълиму тарбияи фарзандон ва фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъминоти иҷтимоии падару модар масъул мебошанд» - иловае мебошад, ки хислати ғамхорӣ ба робитаи байни волидон ва фарзандон ва баръаксро дорад. Чандин тағйироти ба Конститутсия воридкардашуда ба тағйири синну соли интихобшавӣ ва баъзе шартҳои интихоботӣ робита доранд. Яке аз иловаҳои пешбиникардашуда ба тартиби савгандёдкунии аъзои Парлумон, аъзои Ҳукумат, судяҳо, судяи Суди конститутсионӣ дахл дорад, ки барои қатъӣ риоя шудани вазифаҳои хизматии онҳо мусоидат менамояд. Дар моддаи 61 ба масъалаи аз тарафи кӣ ва бо кадом тартиб тафсир додани Конститутсия равшанӣ андохта шуда, муқаррар карда шуд, ки тафсири Конститутсия дар шакли қонуни конститутсионӣ қабул ва ҷонибдорӣ карда мешавад. Албатта, яке аз иловаҳои дар моддаи 65 пешбинишуда дар хусуси муҳлати ваколати Президент ва дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат мебошад, ки асоси тағйирёбии вазъи ҳуқуқӣ ва воқеии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид.

**Такмили низоми ҳуқуқ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон** бо тағйиру иловаҳо дохил кардан ба Конститутсия анҷом намеёбад, балки қабули онҳо оғози мукаммалгардонӣ ва мувофиқнамоии қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба ҳолатҳо ва меъёрҳои нави Конститутсия мебошад. Бинобар ин, маъракаи тағйироту иловаҳо ворид кардан ба Конститутсия бо анҷоми раъйпурсӣ ба анҷом намерасад, балки давраи нави мукаммалгардонии қонунгузории ҷумҳурӣ оғоз ёфта, мунтазам ва ботадриҷ мувофиқати онҳо бо Конститутсия таъмин карда мешавад. Ин омил ташаббускорони ворид кардани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияро водор месозад, ки масъулияти асоснок тайёр кардани таклифҳоро амиқ дарк намоянд ва фақат бо мақсади таҳрири луғавию грамматикии Конститутсия маҳдуд нагарданд.

**Ашӯрбой ИМОМОВ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,**
**сарходими илмии Институти фалсафа,**
**сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи**
**ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ,**
**Ҷурахон МАҶИДЗОДА,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,**
**сарходими илмии Институти фалсафа,**
**сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи**
**ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ**

# ТУТҚАВУЛ – ЯКЕ АЗ ҚАДИМТАРИН ЁДГОРИИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**Дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳти унвони «Маҷмӯи натиҷаҳои таҳқиқоти бостоншиносӣ дар Тоҷикистон» конфронси байналмилалии илмӣ баргузор шуд.**

Конфронс бо ташаббуси Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши назди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти бостоншиносӣ ва мардумшиносии шуъбаи сибирии Академияи илмҳои Россия, Донишгоҳи давлатии Олтой баргузор шуда, дар он олимону мутахассисони дохилу хориҷи мамлакат, аз ҷумла аз Россия, Беларус, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Туркманистон, Эрон, Олмон, Чин, Исроил, ИМА, тариқи ҳузурию маҷозӣ иштирок ва суханронӣ намуданд.

Президенти АМИТ Қобилҷон Хушвахтзода конфронсро на танҳо барои пешбурди корҳои таҳқиқотӣ, балки ҷиҳати равобити илмии академия, хоса Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии назди АМИТ бо пажӯҳишгоҳҳои соҳавии хориҷӣ муҳим арзёбӣ намуд. Таъкид гардид, ки таърихи тамаддуни Тоҷикистон ҷузъи таърихи тамаддуни башарият мебошад. Натиҷаи корҳои ҳафриётии бостоншиносон гувоҳи он аст, ки миллати тоҷик таърихи ғанию куҳан дорад. Конфронси имрӯза имкон фароҳам меорад, ки баъзе асрор ифшо гардад.

Зикр шуд, ки ҳудуди Тоҷикистони имрӯза аз ёдгориҳои таърихӣ-фарҳангӣ хеле бой буда, шумораи он беш аз се ҳазор (ин рақам ниҳоӣ набуда, бо кашфи ёдгориҳои бостонӣ меафзояд) мебошад. Ҳоло шуъбаи бостоншиносии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии назди АМИТ бо институтҳои археологии кишварҳои хориҷӣ баҳри омӯзиши ёдгориҳо ҳамкории хуб ба роҳ мондааст. Танҳо солҳои 2021-2023 дар ҷумҳурӣ 41 кори археологӣ - экспедитсионӣ гузаронда шуд, ки 23-тои он байналмилалӣ мебошанд.

Дар конфронс натиҷаи корҳои мутахассисоне мавриди баррасӣ қарор гирифт, ки якҷо бо мутахассисони ватанӣ дар Тоҷикистон корҳои археологӣ анҷом доданд. Коршиносон натиҷаҳои таҳқиқоти бостоншиносӣ дар Тоҷикистонро хуб арзёбӣ намуданд. Зикр шуд, ки дар ин самт солҳои охир натиҷаҳои илмие ба даст омад, ки бисёр паҳлуҳои таърихро равшан намуд. Касима Пост, муҳаққиқ аз Донишгоҳи Тюбингенги Олмон, зимни суханронӣ, аз ҷумла, чунин гуфт: «Аз ҷиҳати таҳқиқоти генетикӣ яке аз қадимтарин бозёфтҳои Осиёи Марказӣ ба Тутқавул - ёдгории асосии маданияти Ҳисор, мансуб ба асри миёна ва аввалҳои давраи мезеолит, ки дар Тоҷикистон ҷойгир мебошад, тааллуқ дорад».

«Бозёфти биринҷии ёдгории Шаҳидон дар Тоҷикистон», «Натиҷаи корҳои ҳафриётӣ дар ёдгориҳои Помири шарқӣ», «Натиҷаҳои ҳафриёт дар Саразм», «Мушкили барқарорсозии бозёфтҳои археологии оҳан дар Институти таърихи Академияи миллии Беларус» аз ҷумлаи мавзуъҳое буданд, ки дар конфронс баррасӣ шуданд.

**Ф. ФАЙЗАЛӢ,**
**«Садои мардум»**

**Чанде пеш дар Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ховари Миёна: замина, дурнамои ҳамкорӣ ва самтҳои асосии ҳамгироӣ» конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ баргузор гардид, ки дар он намояндагони вазорату идораҳои давлатӣ, мутахассисон ва коршиносони самти ховаршиносӣ, таҳлилгарони масъалаҳои сиёсию иқтисодӣ ва рӯзноманигорон ширкат намуданд.**

# РОБИТАҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ХОВАРИ МИЁНА ДУРНАМОИ ХУБ ДОРАНД

Директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Хайриддин Усмонзода зимни ифтитоҳи конфронс таъкид кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбурди сиёсати мутавозинро бо кишварҳои Ховари Миёна ба роҳ мондааст. Аз ин рӯ, тайи солҳои 2023 - 2024 шаш сафари корию давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба кишварҳои Ховари Миёна амалӣ гардид.

- Дар тӯли таърих тоҷикон бо мардуми ин минтақа муносибату ҳамкориҳои васеи фарҳангию иқтисодӣ доштанд. Бинобар ин, тақвияти муносибатҳо бо кишварҳои Ховари Миёна ба яке аз авлавиятҳои калидии муносибатҳои байналмилалии Тоҷикистон табдил ёфтааст. Ин нуктаро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олӣ низ таъкид намуданд, - иброз намуд Хайриддин Усмонзода.

Коршиноси мустақил Саъдӣ Ворисов дар мавзуи «Тоҷикистон ва Қатар: имкониятҳои истифоданашуда ва роҳҳои таҳкими ҳамкорӣ» суханронӣ карда, иброз намуд, ки муносибатҳои дуҷониба байни Душанбе ва Давҳа аз лиҳози сиёсӣ дар сатҳи олӣ қарор доранд. Қатар нахустин давлати арабӣ мебошад, ки дар Тоҷикистон ба сармоягузорӣ оғоз кардааст. Яке аз самараҳои сармоягузориҳои қатарӣ дар Тоҷикистон масҷиди ҷомеи Имоми Аъзам Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит аст, ки калонтарин масҷид дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба ҳисоб рафта, ба яке аз мавзеъҳои ҷолиби сайёҳии Душанбе низ табдил шудааст ва дигар лоиҳаи шаҳраки «Диёри Душанбе» мебошад. Маҷмӯи ин сармоягузориҳо 300 миллион доллари амрикоиро ташкил медиҳанд.

- Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мусоҳиба бо Шабакаи машҳури телевизионии «Ал-Ҷазира» (соли 2019) ва рӯзномаи «Аш-Шарқ» (2021) зимни истиқбол аз сатҳи олии муносибатҳои дуҷониба ишора намуданд, ки имкониятҳои фаровони ҳамкорӣ дар арсаҳои иқтисод, тиҷорат, сармоягузорӣ, энергетика, саноат, кишоварзӣ, нақлиёт, илму маориф ва сайёҳӣ пурра истифода нашудаанд. Инчунин, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни сафарашон ба Қатар (моҳи январи соли 2024) масъалаи зарфиятҳои транзитии Тоҷикистон дар қаламрави АвруОсиё ва энергияи таҷдидшавандаро ҳамчун имкониятҳои қобили истифода дар тақвияти ҳамкорӣ байни Тоҷикистону Қатар бо масъулони ин кишвар баррасӣ карданд, - иброз намуд Саъдӣ Ворисов.

Дар конфронс, инчунин, ректори Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам Нусратулло Зокирзода дар мавзуи «Ҷойгоҳи кишварҳои Ховари Миёна дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъ ва дурнамо», директори Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ Моёншо Маҳмадбекзода дар мавзуи «Вазъ ва дурнамои ҳамкорӣ бо кишварҳои Ховари Миёна дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ», сардори раёсати ҳамкориҳои иқтисодии хориҷии Вазорати рушди иқтисод ва савдо Дилшод Шарифӣ дар мавзуи «Вазъ ва дурнамои гардиши савдо ва тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Ховари Миёна», сардори раёсати сармоягузории давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ Изатулло Нуруллозода дар мавзуи «Вазъи сармоягузории кишварҳои Ховари Миёна ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои он», котиби илмии Маркази исломшиносӣ Маҳрамбек Маҳрамбеков дар мавзуи «Омилҳои таҳдидкунанда ба ҳамгироии Тоҷикистон ва Ховари Миёна», ходими пешбари илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо Абдуҳалим Одинаев дар мавзуи «Таҳаввули ҳамкориҳои Тоҷикистону Қатар дар замони истиқлол» ва дигарон суханронӣ намуданд.

**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум»**

# СОҲИБКОРИ МАҲАЛЛӢ ПУЛ БУНЁД КАРД



**Сокинони деҳаи Назарбоии деҳоти Чагами ноҳияи Шамсиддин Шоҳин солҳо боз аз сабаби надоштани пули мошингузар барои рафтан ба деҳаи ҳамсоя мушкилӣ доштанд ва аз надоштани оби ошомиданӣ тариқи маркабу ароба аз 2 километр роҳи дур об дастрас менамуданд. Бо иқдоми соҳибкори маҳаллӣ Рустам Шаҳбозов дар деҳаи мазкур пули мошингузар ба дарозии 30 метр сохта ба истифода дода шуд.**

Иншооти мазкур дар доираи омодагиҳо ба Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд гардида, мушкилоти беш аз 200 хоҷагии деҳаро баҳри гузаштан аз селроҳа, ки дар фаслҳои баҳору зимистон ба сокинон монеа эҷод мекард, осон намуд.

Роҷеъ ба корҳои хайри соҳибкори маҳаллӣ иттилоъ дода шуд, ки дар ин деҳа аз 95 метр чуқурӣ оби нӯшиданӣ баровarда шуд.

**И. РАҶАБАЛӢ,**
**«Садои мардум»**

# ЧАРО НИҲОЛ ХУШК МЕШАВАД?

**Боғу токпарварӣ аз соҳаҳои асосии кишоварзии ҷумҳурӣ буда, дар таъмини амнияти озуқаворecho кишвар ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум нақши муҳим мебозад. Ҳукумати ҷумҳурӣ ба рушди ин соҳа таваҷҷуҳи зиёд дорад. Баҳри парвариш ва ба фурӯш баровардани ниҳолҳои мевадиҳанда, ороишӣ ва ҳамешасабз дар доираи татбиқи «Барномаи рушди соҳаи боғу токпарварӣ барои солҳои 2016-2020» қадамҳои устувор гузошта шуд. Муҳимтар аз ҳама, 2-юми январи соли 2020 аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ниҳолпарварӣ» ба имзо расид.**



Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷикниҳолпарвар»-и Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 13 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ хоҷагиҳои ниҳолпарварӣ дорад. Самти асосии фаъолияти корхона парвариши ниҳолҳои мевадиҳанда, ҳамешасабз ва ороишӣ мебошад. Дар хоҷагиҳои ниҳолпарварии зертобеи корхона 10052,82 га замин мавҷуд аст. Солҳои 2023–2024 дар хоҷагиҳои давлатии фаръии ниҳолпарварии зертобеи корхона 1353917 бех ниҳол парвариш шудааст. Барои таъмини хоҷагиҳои кишоварзӣ бо ниҳолҳои хушсифати мевадиҳанда, ороишию сояфкан ва ҳамешасабз хоҷагиҳои ниҳолпарварии КВД «Тоҷикниҳолпарвар» якҷо бо иҷоракорон дар мавсими ниҳолфурӯшӣ ниҳолҳои гуногунро ба хоҷагиҳо бо нархҳои дастрас пешкаш намуданд. Аммо баъзе шаҳрвандон аз хушк шудани ниҳолҳо шикоят мекунанд. Аз ҷумла, сокини ноҳияи Рӯдакӣ Шамсиддин Ниёзов изҳори нигаронӣ кард, ки соли гузашта бо маблағи 1200 сомонӣ ниҳол харидааст, ки аксари он хушк шудааст.

Сарагрономи Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷикниҳолпарвар»-и Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзо Ворисов бар ин назар аст, ки сабаби хушк шудани ниҳол ба нигоҳубин накардани он рабт дорад.

- Сабаби дигари хушк шудани ниҳол риоя накардани тарзи шинонидани он аст. Дар доманакӯҳҳо аввали баҳор, водиҳо охири тирамоҳ анҷоми ин амал мувофиқ аст. Вазифаи асосии ниҳолхонаҳо парвариши навниҳолҳои баландсифат барои бунёди боғҳо мебошад. Парвариши навниҳолҳо мураккаб ва заҳматталаб буда, барои парвариши ниҳолҳои ҷавон муҳайё намудани шароити мусоид зарур аст. Давраи парвариши навниҳолҳо 2-4 солро дар бар мегирад. Тибқи маслиҳати мутахассисони соҳаи ниҳолпарварӣ, он аз интихоби замин, ҷамъ кардани тухмӣ, тайёр кардани замин, кишт намудани тухмӣ, парвариши ниҳолҳои тагпайванд (хасак), пайвандкунӣ, парвариши ниҳолҳои пайвандӣ, ҳифзи онҳо аз касалию ҳашарот ва ғайра иборат мебошад, - зикр кард номбурда.

Искандар Розиқов, ки ба бунёди боғу токзор машғул аст, дар давоми чанд соли охир бо истифода аз шабакаҳои иҷтимоӣ таҷрибаашро ба намоиш мегузорад. Ӯ имрӯз аз нафарони машҳур дар соҳаи боғпарварӣ ба ҳисоб меравад. Номбурда мегӯяд, ниҳолҳои парваришнамудааш боре аз ҷониби харидорон бозпас гардонида нашудааст. Ҳамсуҳбатам ба ин назар аст, ки сарфи назар аз миқдор, ҳаҷм ва масоҳати замини ниҳолпарварӣ ниҳолпарварон бояд бо сертификат таъмин карда шаванд. Он гоҳ имкон фароҳам меояд, ки дар вақти ниҳолҳоро фурӯхтан ба харидорон онро нишон диҳанд.

Дар деҳоти «Сарикиштӣ»-и ноҳияи Рӯдакӣ хоҷагиҳои зиёди деҳқонӣ мавҷуданд, ки фаъолияташон ба шароити нави муносибатҳои истеҳсолӣ ва рақобати бозор мутобиқ мебошад. Хоҷагии деҳқонии «Файз» аз ҳамон шумор аст. Бо сардори хоҷагии мазкур Файзалӣ Шарипов атрофи мавзуъ суҳбат намудем. Ӯ чунин иброз дошт: «Соли 2014, вақте хоҷагиро бунёд кардам, бо кумаки мутахассисони соҳаи ниҳолпарварӣ аз хоҷагии «Исқич»-и шаҳри Ҳисор 3320 бех ниҳоли мевадиҳандаро барои ду гектар замин харидам. Дар ин муддат сабзиши 90 фоизи ниҳолҳо хуб аст, 10 фоизи боқимонда аз сабаби аз як минтақа ба минтақаи дигар овардан ва дар роҳ осеб дидан хушк шудаанд». Ҳамчун хоҷагидор муътақидам, ки хушк шудани ниҳол бо айби худи истифодабарандагон ба амал меояд. Бештари онҳо бе маслиҳати мутахассис корро анҷом медиҳанд. Ҳатман бояд аз мутахассис маслиҳат гирифт.

Сардори хоҷагии деҳқонии «Зарнигор»-и ноҳияи Ҳисор Мизроб Юсуфов, ки хатмкардаи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур мебошад, зимни суҳбат таъкид намуд, ки мардум вақти дастрас намудани ниҳол бояд ба ҳолати он аҳамият диҳанд. Бино ба гуфти ӯ, боғдор ҳамон нафаре шуда метавонад, ки ниҳолро ҳамчун фарзанди худ парвариш карда тавонад.

Дар маҷмӯъ, омӯзиши масъалаи мазкур собит намуд, ки рушди боғдорӣ аз ниҳолҳои босифат ва риояи талаботи боғдорӣ вобаста аст. Бинобар ин, кишоварзонро мебояд ин омилро сарфи назар насозанд ва ҳангоми машғул шудан ба боғдорӣ ҳатман бо мутахассисон машварат кунанд, то меҳнаташон барабас наравад.

**Раҳмоналӣ ҲАБИБОВ, «Садои мардум»**

Аз рӯзгори одамони нақиб

# АЗ ДОМОНИ МОДАР ТО ВАЗИРИ ОБ



**Арбоби барҷастаи сиёсию давлатӣ Ҳикматулло Насриддиновро қаблан мешинохтам. Ятимбачаи бепадару модарест, ки аз подабонӣ ба шоҳроҳи зиндагӣ қадам гузоштаву ранҷҳо кашида, дар мактаби олӣ хондаву то ба мансаби вазирӣ расид. Баъд аз он дар курсии котиб (муншӣ)-и Кумитаи Марказии Ҳизби коммунисти Тоҷикистон нишаст. Барои як ятимбача марҳила ба марҳила рушд кардану ба мансабҳои баланди давлатӣ соҳиб шудан саҳлу сода нест. Аз роҳи тайкардаи Ҳикматулло Насриддинов маълум мегардад, ки ӯ соҳиби истеъдоди баланд аст.**

Дашту даман, деҳаву кӯҳҳои сар ба фалаккашидаи ноҳияи Муъминобод даврони кӯдакии Ҳикматуллоро ёд доранд. Тифлаке, ки даври модараш Бибигул парвонавор мечархид ва гоҳе ки масти бозӣ буд, садои модарашро шунида, ба сӯяш медавиду доманашро сахт медошт. Ҳикматулло дар Деҳбаланди Муъминобод ҳанӯз пастиву баландиҳои зиндагиро намешинохт. Бо модараш дунёи рангине дошт.

Насриддин, шавҳари Бибигул, даҳмарда буд. Сарчӯпонӣ мекарду молҳои колхози Фурӯзоваро мепоид.

«Тифливу домони модар хуш биҳиште будааст». Ҳикматулло дар оғӯши модар калон шуду аз меҳру муҳаббати ӯ баҳравар гашт, аммо хушбахтиаш дер давом накард. Баъд аз марги модар ба деҳаи Фурӯзова назди падараш омад. Зиндагӣ ӯро имтиҳон мекард, рӯзгори сахт сахттар мешуд. Қаҳрамони матлаб сардиву сахтиҳои зиндагиро медид, мисли калонсолон кор мекард, дар кӯраи ҳаёт обутоб меёфт. Рӯзгор ба ӯ тараҳҳум надошт…

Насриддин бар асари бемории чашм аз олам пӯшид ва Ҳикматулло дар нуҳсолагӣ танҳо монд. Иттифоқи Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ солҳои баъдиҷангиро аз сар мегузаронд. Зиндагии мардум ба сахтӣ мегузашт. Ҳикматулло дар хонаи бачагони Норак таҳсил мекард. Синфи ҳафтумро ҳамон ҷо хатм намуд. Чордаҳсола буд, ки ӯро ба шаҳри Душанбе оварданд. Донишҷӯи Техникуми обёрӣ ва механизатсиякунонии хоҷагии қишлоқ шуд. Қобилияти ташкилотчигӣ аз овони донишҷӯияш ба чашм мерасид. Вай дар баробари аъло хондан дар корҳои ҷамъиятӣ фаъолона ширкат меварзид.

Солҳои 1961-1966 дар Донишкадаи мелиоративии шаҳри Москва таҳсил кард. Қобилияти ташкилотчигиашро ба ҳисоб гирифта, ӯро муовини раиси комитети комсомолии донишкада интихоб намуданд. Ба донишҷӯён ёрии худро дареғ намедошт. Дасти дармондагонро мегирифт.

Вақте Ҳикматулло донишкадаро хатм карда ба Душанбе баргашт, аввал сармуҳандис ва баъд сардори раёсати корхонаи обёрии Фархору Чубек таъйин гардид. Он солҳо обёрӣ кардани заминҳои ташналаб роҳи ҳалли худро меҷуст. Ҳикматулло чун мутахассиси ҷавону серғайрат ва роҳбари ҷиддиву кордон пайи иҷрои супориш шуд. Аз рӯди пуртуғёни Панҷ ба даштҳои асрҳои аср ташналаби Уртабуз об бароварданд. 70 ҳазор гектар замин шодоб гашт.

Орому қарорро фаромӯш карда буд. Дар соҳили рӯди Панҷ ҳамроҳи коргарон ба кори соҳилбандӣ машғул буд, ки мошине наздашон қарор гирифту аз он Котиби якуми Ҳизби коммунисти Тоҷикистон Ҷаббор Расулов берун омад. Ҳикматулло Насриддинов баъд аз салому ҳолпурсӣ роҳбари аввали ҷумҳуриро бо рафти кор ошно намуд. Ҷаббор Расулов аз фаъолияти коргарон қаноатмандӣ карда, барои боз ҳам пурсамар меҳнат кардан ба Ҳикматулло Насриддинов дастуру супоришҳои мушаххас дода гуфт:

- Дар симои ту ҷасорат, дар вуҷуди ту иродаи қавиро эҳсос мекунам. Ҳалол кор кун, софдилона ба халқу Ватан хизмат намо, ҳатман ба муроди дилат мерасӣ.

Ин суханони роҳбари аввали ҷумҳурӣ ба Ҳикматуллои ҷавон болу пар бахшид ва ӯро ба сӯи фардои босаодат раҳнамун сохт.

Соли 1974 барои кор ба шаҳри Душанбе даъват карданд ва вазифаи масъулиятноки мудири шуъбаи об ва хоҷагии қишлоқи Шурои вазиронро ба ӯ бовар намуданд. Соле баъд мудирии шуъбаи хоҷагии об ва сохтмони хоҷагии қишлоқи Кумитаи Марказии Ҳизби коммунисти Тоҷикистонро ба зиммааш гузоштанд. Ҳангоми вохӯрӣ Ҷаббор Расулов дасти ӯро фишурда гуфт: «Ман ин ҷавони серғайратро хуб мешиносам, ӯро дар соҳили дарёи Панҷ ҳангоми кор вохӯрда будам. Ин вазифаи масъулиятнокро ба ӯ бо боварӣ месупорам. Яқин медонам, ки ӯ софдилона кор мекунад ва садоқати худро ба халқу Ватан собит менамояд».

Ҷаббор Расулов хато накард, садоқату меҳнатдӯстӣ ва ташкилотчии хуб будани Ҳикматулло Насриддиновро вақт нишон дод.

Шахсияти қаҳрамони матлаб рӯз ба рӯз чун ходими барҷастаи давлатию ҷамъиятӣ рушд кард. Тамоми ҳастиашро сарфи корҳои бунёдкорӣ сохт. Ҳамин истеъдоди фитриашро ба назар гирифта, ду навбат – солҳои 1980-1983 ва 1986-1990 ӯро ба вазифаи вазири мелиоратсия ва хоҷагии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин намуданд.

Соли 1980, вақте вазир таъйин шуд, пахтакорон ҳосили рекордӣ - як миллион тонна пахта рӯёниданд.

Соли 1983 Ҳикматулло Насриддинов котиби Кумитаи Марказии Ҳизби коммунисти Тоҷикистон оид ба масоили комплекси агросаноатӣ таъйин шуд. Комплекси агросаноатии мамлакатро сарпарастию роҳбарӣ мекард.

Дар даъватҳои 9, 10, 11 ва 12 Шурои Олӣ намояндаи халқ интихоб шудааст. Аз ин рӯ, вай на танҳо ба корҳои роҳбарӣ машғул буд, балки дар корҳои ҷамъиятӣ низ фаъолияти пурсамар дошт. Ҳаёташро бе халқ тасаввур карда наметавонист.

Соли 1990 аз ҳавзаи интихоботии ноҳияи Восеъ депутати Шурои Олии Тоҷикистон интихоб шуд. Ӯ дар Шурои Олӣ раиси Кумита оид ба масъалаҳои шуғли аҳолию сиёсати демографӣ, раиси Кумитаи комплекси агросаноатию озуқа ва ҳамзамон, узви президиуми ин мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузор буд. То соли 1995 он ҷо фаъолият кард. Аммо ин даврон замони пурошӯбе буд. Тоҷикистон ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуд. Дар кишвар силоҳбадастон ҳукмронӣ мекарданд. Мамлакати обод ба харобазор мубаддал гашт. Ҳукумат фалаҷ шуд.

Дар чунин даврони пурошӯбу бераҳм Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ дар Хуҷанд баргузор гардид. Чашми умеди тамоми сокинони мамлакат ба он дӯхта шуд. Ҳикматулло Насриддинов низ дар ин иҷлосия ширкат варзид. Дар ин иҷлосияи таърихӣ фарзанди фарзонаи тоҷик муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Раиси Шурои Олӣ интихоб шуд. Дар пеши ӯ корҳои бузурге меистоданд. Пеш аз ҳама, мамлакатро ором ва оташи ҷангро хомӯш кардан лозим буд. Ҷоннисориҳои Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон самар оварданд. Тоҷикистон ба сӯи сулҳи босуботу рушди худ қадам бардошт.

Ҳикматулло Насриддинов аз моҳи январи соли 1994 то охири соли 1996 дар Дастгоҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нахуст ба ҳайси мудири шуъбаи мелиоратсия, хоҷагии обу сохтмони деҳот, сипас ҳамчун мудири шуъбаи комплекси агросаноатӣ фаъолият кард. Ӯ дар ин вазифаҳо лаёқати баланди ташкилотчигию кордониву қавиirодагӣ нишон дод. Мактаби кору зиндагии ӯ омӯзанда ва боиси пайравист.

Барои рушди ҳамаҷонибаи ҳар инсон ҳаёти оилавӣ нақши бузург дорад. Хусусан, ҳамсари хуб ба шахсияти шавҳар таъсир мегузорад. Холаи Сафармоҳ тамоми зиндагиашро сарфи муҳаббати шавҳар намудааст. Ӯ факултети китобдории Омӯзишгоҳи маданӣ-равшаннамоии ноҳияи Рӯдакиро хатм намуда, 30 сол дар Китобхонаи ба номи Абулқосим Фирдавсӣ (ҳоло Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон) кор кард.

Имрӯз ходими барҷастаи давлативу ҷамъиятӣ Ҳикматулло Насриддинов дар ҳалқаи фарзандон давлати пирӣ меронад. Ҳамсараш - холаи Сафармоҳ, фарзандон, набераву абераҳояш гирди ӯ парвонасон мечарханд.

Аз бахти фарзандонаш меболад. Орзуяш ин аст, ки онҳо ҳамеша хидмати халқу Ватанро ба ҷо оранд. Ҳар кадоме дар мақоми худ ба халқу Ватан хидмат кунанд. Ӯ бо ифтихор мегӯяд:

- Тоҷикистон рӯз ба рӯз ободу зеботар мегардад. Роҳҳо, боғҳо, биноҳо, коргоҳҳо бунёд мешаванд. Симои шаҳру деҳот дигаргун гашта, зиндагӣ дилнишин мешавад. Хусусан, шаҳри Душанбе, пойтахти диёрамон, сабзтару пуршукӯҳтар гашта, дилҳоро тасхир месозад.

Ҳикматулло Насриддинов ин ободиҳоро мебинаду шукрона мекунад, ки ин шаҳомату зиндагии рангин насиби халқи тоҷик гаштааст.

**ВОРИС,**
**«Садои мардум»**

**Дар шароити рушди босуръати технологияҳои муосир ва талаботи тағйирёбандаи бозори меҳнат зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ такмили ҷиддӣ ва навовариҳои пайвастаро тақозо дорад.**

# ҲИСОР. ЛИТСЕЙИ КАСБӢ-ТЕХНИКӢ СОҲИБИ БИНОИ НАВ МЕШАВАД?



Дар чунин муассисаҳо мутахассисони рақобатпазир ва ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат бояд омода шаванд. Аммо Литсейи касбӣ-техникии №1, воқеъ дар Ҷамоати деҳоти Дурбати шаҳри Ҳисор, бинои асосӣ надошта, дар шафати муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 22 ҷойгир аст. Мушкилоти дигари муассиса надоштани устохонаи муҷаҳҳаз ва хобгоҳ мебошад. Ҳоло дар муассиса 390 нафар аз шаҳру навоҳии тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе таҳсил доранд. Ба онҳо 35 омӯзгори соҳибтахассус аз рӯи ихтисосҳои челонгарӣ, таъмиргари муҳаррики мошин, таъмиргари қисмҳои барқии автомобил, кафшергари барқу газ, ронанда, тракторчӣ, мошинисти техникаи кишоварзӣ, технологияи компютерӣ, муҳосибӣ таълим медиҳанд. Ҳамчунин, дар муассиса курсҳои кӯтоҳмуддати сохтмончӣ, қаннодӣ, дӯзандагӣ амал менамоянд. Шогирдон дар 13 синфхонаи қисман муҷаҳҳаз нозукиҳои касби интихобкардаашонро меомӯзанд. Вале боиси нигаронист, ки техникаҳои муассиса кайҳо корношоям гаштаанд.

Тавре аз суҳбат бо Миҷгона Раҳимӣ, директори литсейи мазкур, маълум шуд, раиси шаҳри Ҳисор Қосим Роҳбар ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сурайё Дӯстмуродзода аз мушкилоти муассиса огоҳанд.

- Роҳбарияти шаҳр тасмим гирифтааст ба хотири баланд бардоштани нуфузи таҳсилоти касбию техникӣ бинои замонавии литсейи касбӣ-техникиро бо устохонаҳои муҷаҳҳаз ва хобгоҳ сохта ба истифода диҳад. Устодони муассиса дар яке аз суҳбатҳо, ҳамчунин, аз роҳбарияти шаҳр хоҳиш карданд, ки барои аз тавозуни литсей баровардани даҳҳо техникаи корношоям мусоидат намоянд, - афзуд М. Раҳимӣ.

Оғози соли равон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори нав - Кумитаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт. Миҷгона Раҳимӣ таъсиси сохтори зикршударо барои самарабахш роҳандозӣ намудани фаъолияти зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, омодасозии мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат муҳим арзёбӣ кард. Бино ба гуфти ӯ, роҳбарияти кумитаи навтаъсис дар бобати мушкилоти муассиса маълумот дорад ва тасмим гирифтааст баҳри бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта мусоидат намояд.

Масъулин мушкили Литсейи касбӣ-техникии №1, воқеъ дар деҳоти Дурбати шаҳри Ҳисорро дар фурсатҳои наздиктарин бартараф месозанд ё не? Мавзуъро ҳатман пайгирӣ менамоем.

**Сайидо НАЗАРОВ,**
**«Садои мардум»**

# ҚАЛЪАИ ХУҶАНД НАВСОЗӢ МЕШАВАД



**Соли панҷум аст дар иншооти таърихӣ-фарҳангии Қалъаи Хуҷанд барқарорсозӣ идома дорад. Он бо дастгирии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд таъмиру навсозӣ гашта, барои анҷоми кор меъморон ва ҳунармандони забардасти вилоят ва олимону бостоншиносон ҷалб шудаанд.**

Қалъа дорои таърихи беш аз 2500-сола дошта, аз куҳандиж, шаҳристон ва работ иборат буда, масоҳати он беш аз 6 гектар аст. Дар ин мавзеъ, ҳамзамон, бостоншиносон корҳои ҳафриётӣ гузаронида, солҳои 2019-2021 наздики ҳазор нигораи гуногуни таърихӣ кашф шуд.

- Бозсозӣ бо назардошти моҳияти таърихии қалъа анҷом дода мешавад. Дар асоси лоиҳа деворҳои куҳандиз пурра эҳё мегарданд. Ҳоло бунёди бинои маъмурӣ, намунаи хонаву ҳавлиҳои қадимаи шаҳри Хуҷанд, меҳмонхонаву осорхона, ҳаммом, нуқтаҳои хизматрасонӣ ва дигар иншооти ёрирасон идома дорад, - гуфт зимни суҳбат сардори идораи сохтмони асосии вилояти Суғд Мақсудҷон Муродов.

Бино ба иттилои масъулин, дар дохили бинои осорхона бунёди панҷ толори намоишӣ ва дар таҳхонаи он толор барои баргузории конфронс, мулоқоту вохӯриҳо, ҳуҷраҳои корӣ, устохонаҳои расмӣ дар назар аст.

Дар қисмати шимолу шарқии қалъа то кунун маҳаллаи ди қадима навсозӣ шудааст, ки дар мавзеи хонаву ҳавлиҳои табақаи коргар, тоҷиру ҳунармандон ва дигар қишри ҷомеаи мадании шаҳр маҳсуб меёбад.

Масъулин нақша доранд, ки ин маконро ба мавзеи инъикосгари таъриху маданияти тоҷик ва сайёҳӣ табдил диҳанд.

**М. МАҚСУДОВ,**
**«Садои мардум»**

# ЭЪЛОН!

**Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар», Кумитаи телевизион ва радио, Хадамоти алоқа, вазоратҳои фарҳанг, маориф ва илм, кумитаҳои кор бо ҷавонон ва варзиш, рушди сайёҳӣ, нашриёҳои «Ҷумҳурият», «Народная газета», «Садои мардум», «Минбари халқ» ва маҷаллаи «Бонувони Тоҷикистон» бо мақсади иҷрои банди 27-и «Ҷадвали баргузории ҷашну солгард, фестивалу намоиш, иду озмунҳои фарҳангию маърифатӣ ва анъанаҳои мардумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024» барои рӯзноманигорон ва корбарони саҳифаҳои иҷтимоии шабакаҳои интернетӣ фестивал-озмуни «Вассофи Ватан»-ро эълон менамоянд.**

Мақсади асосии фестивал-озмун тарбияи эҳсоси ватандӯстӣ ва ифтихор аз истиқлоли давлатӣ, эҳтирому муҳаббат ба Ватан ва расму оинҳои мардумӣ, кашфи муаллифони боистеъдод, эҷодкор ва навовару бомаҳорат, муаррифӣ ва тарғиби дастовардҳои солҳои соҳибистиқлолӣ, таърихи миллати тоҷик ва фарзандони фарзонаи он, афзалияти Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ, инъикоси табиати нотакрор, олами ҳайвоноту наботот, парандагон ва обҳои шифобахши он мебошад.

Дар фестивал-озмун маводи насрӣ, аз ҷумла мақола, ҳикоя, қисса, маводи таҳлилӣ, инчунин, видеоролик, филм ва барномаи алоҳида доир ба мавзуъҳои ватандӯстӣ ва ифтихор аз истиқлоли давлатӣ, эҳтирому муҳаббат ба Ватан ва расму оинҳои мардумӣ, муаррифӣ ва тарғиби дастовардҳои солҳои соҳибистиқлолӣ, таърихи миллати тоҷик ва фарзандони фарзонаи он, афзалияти Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ, муаррифии табиати нотакрор, олами ҳайвоноту наботот, парандагон ва обҳои шифобахши он қабул карда мешаванд.

**Мавод аз рӯйи номгӯйи зерин бояд пешниҳод шавад:**

- маводи насрӣ (мақола, ҳикоя, қисса ва ғайра) дар васфи Ватан барои матбуоти даврӣ;
- маводи иттилоотӣ ва ё таҳлилӣ;
- масъала ё рӯйдоди мушаххаси марбут ба солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон ё шарҳи рӯйдоде доир ба мавзуъ дар ин давра;
- маводи насрӣ, ролик, барнома ва филми кӯтоҳи муаллифии ватандӯстона ва ё муаррифии дастовардҳо, мавзеъҳои сайёҳӣ ва таърихию фарҳангӣ, афзалияти Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ, табиати нотакрор, олами ҳайвоноту наботот ва парандагони нодир, инчунин, обҳои шифобахши мамлакат.

Фестивал-озмун аз моҳи апрел то охири моҳи октябри соли 2024 идома ёфта, мавод барои озмун тавассути почтаи электронии **ozmun@khovar.tj** то охири моҳи октябр қабул карда мешавад.

Мавод ба фестивал-озмун бояд дар шакли чопӣ ва электронӣ (шрифти Palatino Linotype, андозаи 14, формати А4, дар ҳаҷми аз 2 то 5 саҳифа), видеоролик дар ҳаҷми 3-5 дақиқа, барнома ё филми муаллифии кӯтоҳ дар ҳаҷми то 15 дақиқа ирсол шавад.

Фестивал-озмуни «Вассофи Ватан» аз рӯйи чор номинатсия - «Беҳтарин маводи насрӣ (мақола, ҳикоя, қисса ва ғайра)», «Беҳтарин ролики таблиғотӣ, барнома ё филми муаллифии кӯтоҳ», «Беҳтарин тарғибгари дастовардҳои миллӣ» ва «Беҳтарин тарғибгари мавзеъҳои сайёҳӣ» дар воситаҳои ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоӣ баргузор карда мешавад.

Ба ғолибони ҷойҳои якум, дуюм ва ҷойи сеюми ҳар як номинатсия мутаносибан 7000, 5000 ва 3000 сомонӣ, инчунин, диплом ва дигар туҳфаҳои хотиравӣ тақдим мегардад.

Маълумоти бештар дар сомонаи **www.khovar.tj**

**Телефонҳо барои тамос:** 888-08-34-04, 238-54-23.

# ЭЪЛОН!

## Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии зерин озмун эълон менамояд:



1. Мушовири калони муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагон **(категорияи якум)** – 1 ҷой, маоши вазифавӣ - 3635 сомонӣ;
2. Мушовири калони Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати байни ҷавонон **(категорияи якум)** – 1 ҷой, маоши вазифавӣ - 3635 сомонӣ;
3. Мудири бахши раёсати тарҷума, таҳрир ва нашр **(категорияи дуюм)** – 1 ҷой, маоши вазифавӣ - 2987 сомонӣ;
4. Мудири бахши раёсати коргузорӣ, назорат ва қабули шаҳрвандон **(категорияи дуюм)** – 1 ҷой, маоши вазифавӣ -2987 сомонӣ;
5. Сармутахассиси раёсати тарҷума, таҳрир ва нашр **(категорияи чорум)** – 2 ҷой, маоши вазифавӣ - 2011 сомонӣ;
6. Сармутахассиси раёсати хоҷагӣ ва хизматрасонӣ **(категорияи чорум)** – 2 ҷой, маоши вазифавӣ - 2011 сомонӣ;
7. Сармутахассиси раёсати технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ **(категорияи чорум)** – 1 ҷой, маоши вазифавӣ - 2011 сомонӣ;
8. Сармутахассиси шуъбаи матбуот **(категорияи чорум)** – 1 ҷой, маоши вазифавӣ - 2011 сомонӣ;
9. Мутахассиси пешбари бахши таъмини фаъолияти кумита ва комиссияҳо **(категорияи шашум)** - 1 ҷой, маоши вазифавӣ -1494 сомонӣ;
10. Мутахассиси раёсати хоҷагӣ ва хизматрасонӣ, **(категорияи ҳафтум)** - 1 ҷой, маоши вазифавӣ - 1228 сомонӣ.

**ТАЛАБОТИ ТАХАССУСӢ БАРОИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТИИ МАЪМУРӢ**

**Барои ишғоли мансаби маъмурии категорияи якум:**

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи дуюм ё 6 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 7 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- сифатҳои ташкилотчигӣ, ташаббускорӣ, масъулиятшиносӣ, ботаҷрибагӣ.

**Барои ишғоли мансаби маъмурии категорияи дуюм:**

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи сеюм ё 5 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 6 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- сифатҳои ташкилотчигӣ, ташаббускорӣ, масъулиятшиносӣ, ботаҷрибагӣ.

**Барои ишғоли мансаби маъмурии категорияи чорум:**

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- сифатҳои ташкилотчигӣ, ташаббускорӣ, масъулиятшиносӣ, ботаҷрибагӣ.

**Барои ишғоли мансаби маъмурии категорияи шашум:**

- таҳсилоти олии касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- сифатҳои ташкилотчигӣ, ташаббускорӣ, масъулиятшиносӣ, ботаҷрибагӣ.

**Барои ишғоли мансаби маъмурии категорияи ҳафтум:**

- таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад.

**Барои ҳамаи довталабони мансабҳои маъмурии категорияҳои номбурда:**

- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- донистани забонҳои давлатӣ ва ду забони хориҷӣ, кор бо технологияи муосири электронӣ;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ ҳатмист.

**Довталабон ҳуҷҷатҳои зеринро ба комиссияи озмун пешниҳод менамоянд:**

- ариза ба унвони роҳбари мақомоти давлатӣ;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо (бо 2 дона сурати андозаи 4х6);
- тарҷумаи ҳол;
- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ;
- маълумотнома оид ба вазъи саломатӣ дар шакли 038 УЕ;
- нусхаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА);
- эъломия дар бораи даромадҳо ва вазъи молумулкӣ;
- нусхаи шиносномаи шахсӣ;
- маълумотнома оид ба таъқиби ҷиноятӣ (доғи судӣ, суд шудан, рад ё қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ) надоштан;
- нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд.

**Муҳлати қабули ҳуҷҷатҳо - 21 рӯз аз санаи нашри эълони мазкур.**

**Суроға:** шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42, **телефон барои маълумот:** 221-33-07.

# ВАЗОРАТИ ЭНЕРГЕТИКА ВА ЗАХИРАҲОИ ОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## бароӣ ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии зерин озмун эълон мекунад:

1. Сардори раёсати истихроҷ, коркард ва таъминоти нафту газ;
2. Муовини сардори раёсати электроэнергетика;
3. Мудири бахши котибот;
4. Сармутахассиси раёсати сиёсати энергетикӣ ва захираҳои об, рушди илму техника;
5. Сармутахассиси раёсати иқтисод ва дурнамо;
6. Сармутахассиси раёсати иқтисод ва дурнамо;
7. Сармутахассиси раёсати электроэнергетика;
8. Сармутахассиси раёсати муносибатҳои байналмилалӣ;
9. Сармутахассиси бахши котибот;
10. Мутахассиси пешбари раёсати захираҳои об;
11. Мутахассиси пешбари шуъбаи коргузорӣ ва назорат;
12. Мутахассиси пешбари бахши котибот;
13. Мутахассиси раёсати ҳуқуқ;
14. Мутахассиси раёсати ҳуқуқ.

Шаҳрвандоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, ҳуҷҷатҳои зеринро ба бахши кадрҳо ва корҳои махсуси вазорат (кӯчаи Шамсӣ -5/1) пешниҳод намоянд:

- ариза ба унвони роҳбари мақомот;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо (акси рангаи 3x4 ва 4x6, 4 дона);
- тарҷумаи ҳол;
- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот (диплом);
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки агар шахс собиқаи меҳнатӣ надошта бошад);
- маълумотнома оид ба вазъи саломатӣ (шакли 038УЕ);
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА);
- нусхаи суғуртаи иҷтимоӣ (СИН);
- нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд);
- маълумот дар бораи даромад ва вазъи молу мулки худ;
- маълумотнома оиди доғи судӣ надоштан;
- маълумотнома аз ҷои истиқомат.

**Эзоҳ:** талабот барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ:

- сардори раёсат - 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи дуюм ё 6 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 7 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- муовини сардори раёсат - 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи сеюм ё 5 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 6 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- мудири бахш - 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- сармутахассис - 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- мутахассиси пешбар - 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- таҳсилоти олии касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, кор бо компютер, донистан ва риоя намудани Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ҳатмист. Донистани забонҳои хориҷӣ ба инобат гирифта мешавад.

**Музди меҳнати заминавӣ:**
сардори раёсат – 3300 сомонӣ, муовини сардори раёсат – 2711 сомонӣ, мудири бахш – 1825 сомонӣ, сармутахассис – 1660 сомонӣ, мутахассиси пешбар – 1352 сомонӣ, мутахассис – 1112 сомонӣ.

Довталабон маълумоти иловагиро метавонанд аз сомонаи **mewr.tj** ва телефони **235-97-68** дастрас намоянд.

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронда мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 420956 | Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири боми бино, ҳуҷраҳои корӣ, коридорҳо ва роҳи таваққуфгоҳи бинои Сарраёсати консулии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Озмуни кушод | Кор | 1 | 12.04.2024 11:45:00 |
| 2 | 420909 | Хонаи кӯдакони синни томактабии №1-и ш. Душанбе | Гузаронидани системаи гармидиҳӣ ва рангубори намои бино бо рангҳои декоративӣ (1900м²) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 22.04.2024 15:10:00 |
| 3 | 420912 | Муассисаи таълими томактабии кӯдакистони № 11-и ноҳияи Б.Ғафуров Ҷамоати деҳоти Унҷӣ | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 39 | 22.04.2024 15:30:30 |
| 4 | 420917 | Муассисаи давлатии қароргоҳи «Сайёд»-и Дастгоҳи иҷрояи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Стансияи назорати насос, молҳои хоҷагидорӣ, канселярӣ, асбобҳои дастӣ, либосҳои махсуси корӣ, инсектисидҳо ва нуриҳои минералӣ | Озмуни кушод | Мол | 38 | 22.04.2024 16:30:28 |
| 5 | 420919 | Муассисаи давлатии таҳсилоти томактабии №14-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 11 | 22.04.2024 16:35:35 |
| 6 | 420920 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №7-и ноҳияи Ёвон | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 23 | 22.04.2024 16:45:45 |
| 7 | 420921 | Шабакаи кумаки аввалияи тиббию санитарии ноҳияи Дӯстӣ | Молҳои канселярӣ, молҳои хоҷагидорӣ ва рахти хоб | Озмуни кушод | Мол | 14 | 22.04.2024 16:55:35 |
| 8 | 420922 | Муассисаи таълими томактабии кӯдакистони №3-и Ҷамоати деҳоти Хистеварзи ноҳияи Б. Ғафуров | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 25 | 22.04.2024 17:35:35 |
| 9 | 420928 | Муассисаи давлатии «Варзишгоҳи ба номи 20-солагии Истиқлолияти Тоҷикистон»-и шаҳри Хуҷанд | Азнавбарқароркунии намо ва даромадгоҳи варзишгоҳ ва хонаи посбон дар Муассисаи давлатии «Варзишгоҳи ба номи 20-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Озмуни кушод | Кор | 1 | 23.04.2024 08:23:47 |
| 10 | 420932 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маҷмӯи таҷҳизоти биометрӣ бехатарии даромаду баромади кормандон ва барномаи таъминотӣ ба он | Озмуни кушод | Мол | 14 | 23.04.2024 09:00:00 |
| 11 | 420924 | Беморхонаи физиотерапевтии вилояти Суғд дар Ҷамоати деҳоти Ғӯлакандоз | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 31 | 23.04.2024 09:09:09 |
| 12 | 420925 | Беморхонаи клиникавии вилояти Суғд | Доруворӣ | Озмуни кушод | Мол | 12 | 23.04.2024 09:09:09 |
| 13 | 420940 | МДТ «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ» | Молҳои канселярӣ, хоҷагидорӣ, барқӣ, сантехникӣ, флеш-хотира, картриҷ, тонер, диски сахт ва халати духтурӣ | Озмуни кушод | Мол | 59 | 23.04.2024 09:20:53 |
| 14 | 420943 | Корхонаи фаръии сохтмони асосӣ ва таъмири Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» | Бо оби нӯшокӣ таъмин намудани деҳаи Меҳтари Ҷамоати деҳоти Оқсуи ноҳияи Данғара | Озмуни кушод | Кор | 1 | 23.04.2024 09:35:00 |
| 15 | 420942 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои дил» | Молҳои нарм | Озмуни кушод | Мол | 10 | 23.04.2024 09:35:11 |
| 16 | 420944 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хуҷанд | Хизматрасонӣ оиди қабули меҳмонон ва ташкили таоми нисфирӯзӣ дар ҳудуди шаҳри Хуҷанд (ҳамагӣ барои 242 нафар дар муддати 3 рӯз) | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 23.04.2024 09:43:43 |
| 17 | 420945 | Муассисаи давлатии «Боғи миллии Ваҳдат»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Кофтани чоҳи амудӣ ва гузаронидани хати обгузар дар Муассисаи давлатии «Боғи миллии Ваҳдат»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Озмуни кушод | Кор | 1 | 23.04.2024 09:43:43 |
| 18 | 420946 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Шипанги кандакорӣ барои иншооти азнавсозии Боғи фарҳангию фароғатии «Дӯстии халқҳо»-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Озмуни кушод | Мол | 1 | 23.04.2024 09:52:20 |
| 19 | 420941 | Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (славянии) Россия-Тоҷикистон | Маҳсулоти полиграфӣ | Озмуни кушод | Мол | 10 | 23.04.2024 10:00:00 |
| 20 | 420938 | Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгард дар ноҳияи Тоҷикобод | Сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ | Озмуни кушод | Мол | 2 | 23.04.2024 10:18:25 |
| 21 | 420949 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №15»-и шаҳри Хуҷанд | Гипохлориди калсий, инвентари нарм, маводи хоҷагӣ ва канселярӣ | Озмуни кушод | Мол | 25 | 23.04.2024 10:19:02 |
| 22 | 420950 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони бинои иловагӣ дар МТМУ №45 барои 8 синфхона дар деҳаи Чорроҳаи шаҳри Панҷакент (идомаи корҳои сохтмонӣ) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 23.04.2024 10:24:54 |
| 23 | 420951 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони толори варзишӣ дар Ҷамоати деҳоти Унҷӣ, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров (идомаи корҳои сохтмонӣ) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 23.04.2024 10:29:00 |
| 24 | 420948 | Сарраёсати таъсиррасонии фаъол ба ҷараёнҳои метеорологии Хадамоти зидди жола ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қисмҳои эҳтиётӣ барои радари обу ҳавои МРЛ-5, насби дастии зидди жола ва мушаки зидди жола | Озмуни кушод | Мол | 3 | 23.04.2024 10:30:28 |
| 25 | 420952 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунии кӯчаи Дӯстии халқҳо дар шаҳри Хуҷанд. Марҳилаи 2-юм (гузоштани фарши асфалтобетонӣ, ғафсӣ: 5 см, масоҳат: 4950 м²) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 23.04.2024 10:33:00 |
| 26 | 420953 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Хизматрасонӣ оиди қабули меҳмонон ва ташкили таоми нисфирӯзӣ дар ҳудуди ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ( ҳамагӣ 1005 нафар дар муддати 1 рӯз) | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 23.04.2024 10:42:50 |
| 27 | 420954 | Муассисаи давлатии «Сарраёсати ободонӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ»- и ноҳияи Б. Ғафуров | Матои баннер | Озмуни кушод | Мол | 1 | 23.04.2024 10:50:30 |
| 28 | 420955 | Муассисаи давлатии «Мактаби варзишии №1»-и ноҳияи Шоҳмансур | Таъмири ҷории бинои Муассисаи давлатии «Мактаби варзишии №1 -и ноҳияи Шоҳмансур | Озмуни кушод | Кор | 1 | 23.04.2024 11:30:00 |
| 29 | 420957 | Шуъбаи маорифи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии кӯдакистони №3-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ, моеи шустушӯӣ, молҳои хоҷагидорӣ ва дафтардорӣ | Озмуни кушод | Мол | 62 | 23.04.2024 11:40:35 |
| 30 | 420959 | Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири асосии бинои клиникаи маркази таълимии наҷотдиҳандагони КҲФ ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Шаҳринав, деҳаи Қаратоғ | Озмуни кушод | Кор | 1 | 23.04.2024 11:55:00 |
| 31 | 420958 | Муассисаи давлатии таълимии томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистон №29»-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 42 | 23.04.2024 11:55:55 |
| 32 | 420960 | Муассисаи давлатии «Коллеҷи фарҳанги ба номи П.Бӯйдоқов» | Молҳои канселярӣ, хоҷагӣ, масрафи, лавозимоти оташнишонӣ, асбобҳои кории дастӣ, мебел ва инвентари нарм | Озмуни кушод | Мол | 71 | 23.04.2024 3:30:00 |
| 33 | 420964 | Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии «Қалъаи Хуҷанд» | Гулҳои мавсимӣ | Озмуни кушод | Мол | 3 | 23.04.2024 13:53:53 |
| 34 | 420963 | Муассисаи давлатии «Пойгоҳи ҷумҳуриявии таъиноти махсуси тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири бом, девор ва дарвозаи Муассисаи давлатии «Пойгоҳи ҷумҳуриявии таъиноти махсуси тиббӣ» | Озмуни кушод | Кор | 1 | 23.04.2024 14:00:00 |
| 35 | 420965 | Муассисаи давлатии кумаки аввалияи тиббию санитарии ноҳияи Рӯдакӣ | Молҳои хоҷагӣ | Озмуни кушод | Мол | 14 | 23.04.2024 14:15:10 |
| 36 | 420966 | Муассисаи давлатии «Маркази экспертизаи санитарию эпидемиологӣ ва назорат дар нақлиёту сарҳадот» | Ваксина, зардоба ва муҳити ғизоӣ | Озмуни кушод | Мол | 16 | 23.04.2024 14:30:10 |
| 37 | 420913 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсей барои хонандагони болаёқат»-и шаҳри Кӯлоб | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 10 | 23.04.2024 15:40:04 |
| 38 | 420930 | Маркази ҳамоҳангсозии лоиҳаҳо оид ба таҷдид ва рушди иншооти инфраструктураи иҷтимоии шаҳри Кӯлоб | Лоиҳакашии «Бинои шуъбаи маорифи шаҳри Кӯлоб» | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 24.04.2024 08:28:36 |
| 39 | 420933 | Маркази ҳамоҳангсозии лоиҳаҳо оид ба таҷдид ва рушди иншооти инфраструктураи иҷтимоии шаҳри Кӯлоб | Лоиҳакашии хатти обу канализатсия барои «Муассисаи томактабии замонавӣ барои 300 ҷой дар шаҳри Кӯлоб» | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 24.04.2024 08:32:00 |
| 40 | 420934 | Маркази ҳамоҳангсозии лоиҳаҳо оид ба таҷдид ва рушди иншооти инфраструктураи иҷтимоии шаҳри Кӯлоб | Лоиҳакашии «Бинои синфхонаи иловагӣ дар Ҷамоати деҳоти Даҳанаи деҳаи Тоқақаппаи шаҳри Кӯлоб» | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 24.04.2024 08:35:24 |
| 41 | 420936 | Маркази ҳамоҳангсозии лоиҳаҳо оид ба таҷдид ва рушди иншооти инфраструктураи иҷтимоии шаҳри Кӯлоб | Лоиҳакашии «Сохтмони бинои маъмурии бахши меъморӣ ва шаҳрсозии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Муъминобод» | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 24.04.2024 08:41:18 |
| 42 | 420937 | Маркази ҳамоҳангсозии лоиҳаҳо оид ба таҷдид ва рушди иншооти инфраструктураи иҷтимоии шаҳри Кӯлоб | Лоиҳакашии иншооти «Азнавсозии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и шаҳри Кӯлоб» | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 24.04.2024 08:45:01 |
| 43 | 420935 | Маркази ҳамоҳангсозии лоиҳаҳо оид ба таҷдид ва рушди иншооти инфраструктураи иҷтимоии шаҳри Кӯлоб | Лоиҳакашии иншооти «Сохтмони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар деҳаи Хуҷанури Ҷамоати деҳоти Боғгаии ноҳияи Муъминобод» | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 24.04.2024 08:47:31 |
| 44 | 420923 | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | Молҳои хоҷагидорӣ, барқӣ ва сантехникӣ | Озмуни кушод | Мол | 22 | 24.04.2024 09:30:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.


# МУЖСКОЙ КОРЕНЬ – РАҲОӢ АЗ ПРОСТАТИТИ ШАДИД ВА АДЕНОМА!

- ба беҳшавии гардиши хун, кушодаву рафъ шудани қароразо дар ғадуди простата мусоидат мекунад;
- ба пурра холӣ шудани пешобдон кумак расонида, аз зудзуд пешобкунӣ наҷот медиҳад;
- фаъолияти ҷинсии мардонро баркарор месозад.

ТАРЗИ ИСТЕЪМОЛ: РӮЗЕ ДУ БОР БА ТАГИ ЗАБОН 15-20 ЧАКРА.

ДАВОМНОКИИ ТАБОБАТ: 1 моҳ.
ШАКЛИ БАРОРИШ: шишача 50 мл.

АЗ ДОРУХОНАҲО ПУРСОН ШАВЕД.




Телефон барои тамос: +992 000400071

# РАВШАНИИ ЧАШМОНИ ШУМО!

## Кӯдакатонро камбиноӣ азият медиҳад ё хирашавии чашмонатон шуморо ғамгин сохтааст?

**«Флавигран очанка»** - барои бемориҳои гуногуни чашм, аз ҷумла шамолхӯрдагӣ, катаракта глаукома, миопия (наздикбинӣ ва дурбинӣ), ҳамчунин, захми қарнияи чашм ва ҳифз кардани он аз таъсири омилҳои беруна, муфид аст. Барои таъмин ва муътадил нигоҳ доштани рагҳои хунгарди чашм низ мусоидат мекунад.

**Таркиби дору:** муруди ҷангалӣ, зайтун, хуч, марҷумак, афшураи лимӯ ва сабзӣ. **Истеҳсол** – Федератсияи Россия.

**АЗ ДОРУХОНАҲО ПУРСОН ШАВЕД.**




**Тарзи истеъмол:** 1 қошуқча доруро дар 100 мг об омехта, рӯзе 3 маротиба истеъмол намоед. **Давомнокӣ**: як моҳ. Баъд аз 6 моҳ ин табобатро такрор кардан мумкин аст.

Телефон барои тамос: +992 000400071


# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓Аттестати гумшудаи №229999, ки онро МТМУ №55-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 1997 ба Мавлонов Абдуманон Абдумаликович додааст, эътибор надорад.

✓Шиноснома техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Навободи поён, хонаи 63 ба Худойназарова Соро додааст, эътибор надорад.

✓Аттестати гумшудаи силсилаи АБ № 049452, ки онро МТМУ №3-и ноҳияи Рӯдакӣ 14-уми июни соли 2001 ба Мусаев Маҳмадсолеҳ Фатҳуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2021 ба Шарипов Тӯймурод додааст, эътибор надорад.

✓Патенти гумшуда бо РЯМ 0230062058 ва РМА 045170003, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 16-уми ноябри соли 2016 ба Ҳайитова Саибибӣ Бобиевна додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи гумшудаи А 03051169, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 28- уми январи соли 2020 ба Бобобекова Ҳадиса Сафарбековна додааст, эътибор надорад.

✓Дафтари гумшудаи ҳавлидорӣ, ки онро ШВКД дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Пӯлод Толис, хонаи 14, ҳуҷраи 3 ба Амонов Абдуҳамид Абдуҳалимович додааст, эътибор надорад.

✓Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит соли 2022 ба Комилзода Эмомризо Саидумар додааст, эътибор надорад.

✓Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи Б № 0119300, ки онро Кумитаи давлатии заминсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон 8-уми майи соли 2006 таҳти қайди 2679 ба истифодаи якумраи меросӣ ба сокини маҳаллаи Сари Болои шаҳри Норак Қурбонов Эрка додааст, эътибор надорад.

✓Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 2020 ба Иброҳимов Саидмеҳроҷ Сайдуллович (РМА 225801230) додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ҶДММ «Абрешими нафис» (РМА 020056848, РЯМ 0210031131), ки Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 1-уми ноябри соли 2022 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.


Садои мардум

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун

Муассис:
Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева,*
*Фархунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238-53-49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03, 93-458-65-69; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76, 92-771-76-72, 93-535-06-66; ШНТҶ - 000-03-03-80, 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пасгардонида намешавад.

*Ба чопаш 3 апрели соли 2024, соати 14:10 иҷозат дода шуд. Адади нашр 35060 нусха*

Навбатдори шумора
Р. Ҳабибов

Тарроҳони компютерӣ
Т. Курбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97